«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_____ Қурбонзода М.Р.
«__09__» _____ соли 2025

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Исроилов Исмоил Исроилович дар мавзуи “Нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ пешниҳод гардидааст

Мутобиқати мавзуъ ва диссертатсия ба ихтисос ва соҳаҳои илм. Диссертатсияи И.И. Исроилов фарогири яке аз мавзуҳои муҳими илмҳои сиёсӣ мебошад. Мавзуи “Нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” ба қатори масъалаҳое дохил мешавад, ки ҳанӯз аз замонҳои қадим мутафаккирону олимон ба он таваҷҷуҳи хос доштанд. Дар диссертатсия нақши кӯшунҳои марзӣ ва ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми дастгоҳи давлатӣ ва системаи амнияти миллӣ таҳлил шудааст, ки ба “системаи давлатӣ” ва “режими сиёсӣ” рост меояд. Хусусан, бояд дарҷ намуд, ки мавзуъ ва диссертатсияи И.И. Исроилов ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мутобиқ мебошад. Дар банди 2-юми шиносномаи ин ихтисоси зикршуда – “системаи сиёсӣ ва сохтори он”, самтҳои таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла системаи давлатӣ, сиёсати давлатӣ ва идоракунӣ пешбинӣ шудаанд. Инҳо категорияҳое мебошанд, ки дар онҳо нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳад ҳамчун ҷузъи дастгоҳи давлатии маъмурӣ ва амниятӣ таҳлил мегардад. Дар бандҳои шиноснома омадааст – “режими сиёсӣ”, ки ба фаъолияти ниҳодҳои амнияти миллӣ дар доираи як системаи муайяни сиёсӣ ва таҳаввулоти нақши онҳо пайванд мебошад. Банди дигари шиносномаи мазкур – “назарияи идоракунӣ” – барои таҳқиқ пешбинӣ гардидааст. Дар доираи ин банд, идоракунии сиёсӣ, шаклҳо ва воситаҳои он, хусусан идоракунии сиёсӣ дар самти таъмини амнияти миллӣ, мавриди омӯзиш қарор мегирад. Ниҳодҳои идоракунии сиёсӣ, аз ҷумла ниҳодҳои ҳифзи сарҳад, дар ин замина ҳамчун

сохторҳое фаъолият мекунанд, ки вазифаҳои идоракунӣ ва ҳамоҳангсозиро иҷро менамоянд.

Ҳамзамон, мазмун ва муҳтавои диссертатсияи И.И. Исроилов бо мавзуҳои пешбининамудаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” аз 28 феврали соли 2025, № 114 қабул гардидааст – мувофиқат менамояд.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Мавзуи таҳқиқоти мазкур аз чанд ҷиҳат муосир ва мубрам аст. Аввалан, дар замони ҳозира таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ, хусусан минтақавӣ, ҳифзи марзу сарҳад барои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои аввалиндараҷа аст. Чунончӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳамсояи наздиктарини Ҷумҳурии исломии Афғонистон аз ин раванди таъсирпазирии мутақобил истисно набуда, нисбати “қазияи Афғонистон” мавқеи усулӣ ва мушаххаси худро дорад. Сиёсати давлатии Тоҷикистон дар самти Афғонистон моҳияти дӯстона дошта, бар пояи аслҳои устуворе чун ҳамсоягии нек, барқарории сулҳу субот дар Афғонистон, мусоидат ба эҳёи иқтисодию иҷтимоии ин кишвар, ҳифзи Афғонистони воҳид ва ғайра ташаккул ёфтааст. Воқеан, амнияти миллӣ яке аз муҳимтарин рукнҳои ҳифзи истиқлол ва суботи ҳар як давлат мебошад. Артиши миллӣ ва ниҳодҳои амниятиро масъули ҳифзи марзҳо ва таъмини суботи дохилӣ меноманд. Дар шароити Тоҷикистоне, ки сарҳади тӯлонии бо Афғонистон дорад, зеро “қазияи Афғонистон” моҳиятан фаротар аз марзҳои ин кишвар буда, барои расидан ба ҳалли он бояд илова бар тавофуқи сатҳи миллӣ, тавофуқи минтақавӣ ва байналмилалӣ низ ҳосил шавад. Яъне, то замоне, ки нерӯҳои берунӣ дар Афғонистон фақат дар пайи таъмини манфиатҳои худ ва ё зарба задан ба манфиатҳои рақиби худ бошанд, эҳтимоли сулҳ дар ин кишвар заиф боқӣ мемонад.

Бо дарназардошти мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон, масъалаи ҳифзи сарҳад аҳамияти вижа дорад. Қувваҳои марзбонӣ, ки як бахши муҳимми қувваҳои мусаллаҳ мебошанд, дар муҳофизати марзҳо ва мубориза бо қочоқи маводи мухаддир ва ҷиноятҳои фаромиллӣ фаъолона иштирок мекунанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи нақш ва фаъолияти ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ дар низоми амнияти миллӣ хеле муфид ва саривақтӣ мебошад. Аз назари коршиносон, коркарди роҳу усулҳои нав барои беҳтар кардани фаъолияти сарҳадбонон имкон медиҳад, таҳдидҳо ва хатари ифротгароиро самаранок пешгирӣ шаванд. Пас, мавзуи диссертатсия бевосита ба таҳия ва таҳкими сиёсати давлатӣ дар самти амнияти миллӣ рабт дорад ва вобаста ба вазъи кунунии ҷаҳон ва минтақавӣ хеле аҳамиятнок аст.

Тарафи дигари мубрамии мавзуи диссертатсия ин аст, ки таъмини амнияти миллӣ бидуни ҳифзи самараноки марзи давлатӣ амалӣ намегардад. Ин натиҷаҳоро, аз ҷумла, суханронии Президенти ҷумҳурӣ дар таҷлили "Рӯзи сарҳадбонон" тасдиқ мекунад. Ҳамин тавр, пажӯҳиши нақши ниҳодҳои сарҳадӣ вокеан муҳим ва муфид аст, зеро он масъалаеро мекушояд, ки ба амнияти давлат ва буҳрони солҳои аввали соҳибистиқлолӣ алоқаманд аст.

Навоварии натиҷаҳо ва нуқтаҳои илмӣ. Муаллиф дар кор навоварӣ ва саҳми худро дар ду ҷиҳат ифода кардааст. Аввалан, зикр мешавад, ки ҳеҷ таҳқиқи равобит ва нақши ниҳодҳои сарҳадӣ дар таъмини амнияти миллии Тоҷикистон қаблан "пурра мавриди омӯзиш қарор наёфтааст", ки ин ба кор сатҳи навоварӣ бахшидааст. Дуюм, мақола ва фишурдаҳо нишон медиҳанд, ки дар диссертатсия намудҳои нави таҳлил ба кор бурда шуданд: масалан, масъалаҳои назариявӣ ва методологии ҳифзи марзҳо пешниҳод шудаанд, манбаъҳои ташаккул ва рушди ниҳодҳои ҳифзи сарҳадӣ муайян шудаанд, ва – бори аввал – раванди азнавташаккул ё тағйирёбии ҷузъу томҳои марзбонӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба таври комплексӣ таҳлил гардидааст. Инчунин, нақши Қушунҳои сарҳадиро дар самти ҳифзи тамомияти кишвар ва барои муқовимат бо таҳдидҳои нав дида баромада шудааст.

Дар диссертатсия як қатор самтҳои муҳим ва дорои навгонии илмӣ барои илмҳои сиёсӣ пешниҳод шудаанд, аз ҷумла:

1) масъалаҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ ҳамчун унсури муҳимтарини сиёсати амниятию ҳарбии давлат мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудаанд,

2) доктринаҳо ва санадҳои сиёсию ҳуқуқии марбут ба муҳофизати марзҳо ба таври низомианд таҳқиқ шуда, роҳу усулҳои муассири ҳифз аз хатарҳои дохилию беруна бо пешниҳодҳои амалӣ муайян гардидаанд,

3) заминаҳои ташаккул ва рушду такмили ниҳодҳои сарҳадбон дар замони муосир мушаххас гардида, равандҳои таърихӣ ва сиёсӣ дар ин замина таҳлил шудаанд,

4) бори аввал дар доираи таҳқиқоти сиёсӣ равандҳои азнавташаккулёбӣ ва тақвияти ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар даврони Истиқлоли давлатии Тоҷикистон мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтаанд,

5) нақши қӯшунҳои сарҳадӣ дар ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии кишвар аз дидгоҳи сиёсӣ арзёбӣ гардидааст,

6) дурнамои сиёсати ҳифзи сарҳади давлатӣ дар шароити мураккабшавии вазъи геосиёсӣ ва таҳдидҳои нави амниятӣ таҳлил ва асоснок шудааст.

Дараҷаи асоснокии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд. Чунонки аз диссертатсия бармеояд

эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, қабл аз ҳама, дар бобати мухолифат надоштани мазмун ва мундариҷаи рисола бо назарияҳои сиёсии мавҷуда ва мувофиқати методҳои илмии истифодашуда бо соҳаи илми сиёсӣ ифода меёбад. Дар диссертатсия миқдори зарурии адабиёти илмӣ, сарчашмаҳои иттилоотӣ ва хулосаҳои илмию таҳқиқотии расман интишорёфта истифода бурда шудаанд. Инчунин, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар маводи таҳлилу таҳқикгардидаи накши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок гардида, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии довталаб дар заминаи таҳлилу баррасии адабиёти илмӣ ва таҳқиқи равандҳои сиёсӣ таҳия шудаанд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо. Мазмуни бобу зербобҳои диссертатсия дар заминаи назарияҳои илмии мавҷуда, хусусан корҳои илмӣ-таҳқиқотие, ки дар онҳо накши қушунҳои марзбонӣ дар ҳифзи осоиштагии мамлакатҳо вокеъбинона инъикос ёфтааст, таҳия гардидааст. Дар ин замина муаллиф сохтори фаъолияти ҳарбӣ-сиёсӣ ва унсурҳои таркибии сиёсати ҳарбиро муайян намуда, зарурати рушду такомули тадриҷии онҳоро пешниҳод намудем. Аз ин рӯ, натиҷаҳои асосии таҳқиқ ҷиҳати омӯзиши минбаъдаи сиёсати ҳарбӣ аҳамияти назариявӣ касб менамояд.

Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқи мазкурро мутахассисони соҳа дар такмили стратегияҳо, қонуну низомномаҳои низомию сиёсӣ ва беҳтар намудани мақомоти идоракунии ҳарбӣ метавонанд, истифода баранд. Мазмун ва мундариҷаи диссертатсия дар муассисаҳои таълимии ҳарбӣ барои баланд бардоштани тарбияи ватандӯстӣ ва шуҷоатмандӣ, инчунин барои тавзеҳи хусусиятҳои муҳимтарини сиёсати ҳарбӣ ва шарҳи мафҳуму истилоҳоти соҳа низ тавсия дода мешавад. Маводи диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳияи китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимӣ аз фанҳои «сиёсатшиносӣ», «геополитика», «амнияти миллӣ» истифода бурда шаванд.

Натиҷаҳои диссертатсия дар бисёр ҷабҳаҳо аҳамияти назаррас доранд. Яъне онҳо метавонанд ба таҳияи стратегияҳо ва меъёрҳои нави ҳуқуқиву амалӣ дар соҳаи ҳифзи сарҳад манфиатовар бошанд. Муаллиф зикр намудааст, ки натиҷаро дар беҳсозии стратегия ва қонунгузорӣ, инчунин дар омода намудани кадрҳои ҳарбӣ метавонанд истифода баранд. Масалан, пешниҳод шудааст, ки қабул намудани барномаи давлатии гузаронидани ислоҳот дар низоми Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2033 амалӣ хеле зарур ва саривақтӣ ба шумор меравад. Дар барномаи мазкур мақсаду вазифаҳо, меъёрҳо ва самтҳои сохтмони ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти вазъи геополитикии замони муосир бояд таҳия карда шавад. Низоъҳои мусаллаҳонаи асри XXI ва тағйирёбии хусусияти

ҷангҳо модернизатсияи Қувваҳои Мусаллаҳи миллиро тақозо менамояд. Дар барномаи мазкур ба масъалаи ҳифзи сарҳадоти давлатӣ ва таъмини суботи сиёсии ҷомеа бояд диққати аввалиндараҷа дода мешавад. Яке аз вазифаҳои асосие, ки бо ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон дар масъалаи ҳалли масоили сарҳади давлатӣ рохи ҳалли худро ёфт, тақвияти иҷрои барномаи давлатӣ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳияи мавзуи мазкур дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқотӣ пурра таҷассум ёфтааст. Натиҷаи фаъолияти мустақил, пайгирона ва мақсаднокии илмии довталаби дараҷаи илмӣ дар тули чанд соли охир мебошад. Интихоби мавзуи таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бо дарки амиқи аҳамияти стратегии масъалаи нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллӣ дар шароити муосир сурат гирифта, пайвандии назариявию амалии он дар доираи сиёсати давлат бо равиши таҳлили илмӣ асоснок шудааст. Муаллиф дар марҳалаҳои таҳқиқ аз таҳияи ҳадафу вазифаҳо, интихоб ва таҳлили адабиёт, коркарди заминаҳои назариявию методологӣ, то таҳлили маълумоти амалии мавзуъ ва таҳияи хулосаҳо иштироки фаъоли шахсӣ дошта, таҳқиқотро ҳамчун кори мустақили илмӣ анҷом додааст. Пешниҳодот ва хулосаҳои таҳлилии инъикосёфта дар диссертатсия, аз ҷумла арзёбии масъалаҳои сарҳадӣ дар сиёсати давлатии мо, таҳлили таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ ва ғайраҳо, ҳама натиҷаи андешаҳои таҳлилии муаллифи таҳқиқот мебошанд.

Нашри натиҷаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда. Муҳаққиқ И. И. Исроилов ба нашри натиҷаҳои асосии пажӯҳиши худ аҳамияти аввалиндараҷа додааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 6 мақолаи тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионӣ ба табъ расидаанд ва ҳамчунин 4 мақола дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки пажӯҳиш ба шинохти илмӣ пешниҳод шудааст ва маводи кори илмиаш дар маҷмӯаҳои эътирофшуда дарҷ шудаанд. Илова бар ин, муаллиф натиҷаҳоро дар конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ чоп намудааст. Интишороти довталаб ба талаботи бандҳои 34–35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295) тасдиқ гардидааст, мувофиқат менамояд.

Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани таҳқиқот. Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ И.И. Исроилов дар мавзуи “Нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” аҳамияти илмию назариявӣ ва амалиро доро

мебошад. Мавқеъгирии илмии диссертант дар робита ба масъалаҳои мубрам, дар асоси омӯзиши мустақили манбаъҳои илмӣ сурат гирифтааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсияи И.И. Исроилов аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳои умумии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 180 саҳифаи матни компютериро ташкил медиҳад.

Боби якуми диссертатсия таҳти унвони "Асосҳои назариявию методологии таҳқиқи ниҳодҳои сарҳади давлатӣ" аз ду зербоб иборат буда, муаллиф дар он асосҳои назариявию методологии ниҳодҳои сарҳади давлатиро ҳамчун ниҳоди таъминкунандаи амнияти миллӣ аз нуктаи назари таҳлили системавӣ таҳлилу баррасӣ намуда, қайд мекунад, ки ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар кишвари мо ба ҳифзи сохти конститутсионии давлат ва тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба амнияти миллӣ нигаронида шудаанд. Ба андешаи муаллиф, фаъолияти сохторҳои низомӣ асосан барои мудофиа аз хатару таҳдидҳои дохилию берунӣ нигаронида шудааст, ки онҳо барои самтҳои мухталифи идоракунӣ таъин гардидаанд. Таҳқиқи мавқеи сохторҳои қудратӣ ҳамчун як такягоҳи асосӣ ва муҳими давлат дар ҳама давру замонҳо дар маркази диққати муҳаққиқон қарор дошта, гувоҳи категорияи сиёсиву таърихи будани муҳофизати ҳудуди кишвар дар сиёсати давлатдорӣ ба ҳисоб меравад.

Боби дуюми диссертатсия «Ҳолат ва мушкилоти ҳифзи сарҳади давлатӣ ва таъмини амнияти миллӣ дар шароити муосир» номгузорӣ шуда, дар он масъалаҳои заминаҳои асосии пайдоиш ва ташаккули ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ ва ташаккули ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон қайд гардидаанд. Аз назари муаллиф, ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда қайд менамояд, ки фаъолияти муназзами онҳо ҳама гуна шароити моддию техникӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва заминаи мусоиди ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудаанд. Вазифаи ниҳодҳо, хусусан, қушунҳои сарҳадӣ дар шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба таври мушаххас муайян карда шуд, ки он фарогири ҳифзи амнияти дохилӣ ва дифоъ аз таҳдидҳои беруна ба шумор меравад. Заминаҳои асосии пайдоиш ва рушди ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар кори илмӣ ҳамчун зарурати воқеӣ барои ҳифзи марзу буми кишвар ва муқовимат ба хавфу хатар ва таҳдидҳои ғайрианъанавии беруна ба шумор меравад.

Боби сеюми диссертатсия таҳти унвони «Нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар таъмини амнияти миллӣ» ба таҳлили мақом ва ҷойгоҳи рамзҳои сиёсӣ дар таҳкими давлатдории миллӣ бахшида шудааст. Дар он мақоми Қушунҳои сарҳадӣ дар таъмини соҳибихтиёрӣ ва ҳифзи амнияти

давлатӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, ҳамзамон дар ин қисмати таҳқиқот масъалаҳои дурнамои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар муҳити муборизаҳо ва барҳӯрдҳои нави геосиёсӣ мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор гирифтааст. Аз назари муаллиф вазъи геополитикии ҷаҳони муосир ва тезу тунд гардидани барҳӯрдҳои замони нав, барои ҳар як кишвари соҳибистиқлол хавфу хатар ва таҳдидҳои мухталиферо ба миён меоранд, ки онҳо боиси сар задани мухолифату низоъҳо дар байни кишварҳои гуногун, вайрон кардани хати сарҳад ва даъвоҳои гуногуни миллию таърихӣ мегарданд. Дар миёни инҳо масъалаи ҳифзи сарҳади давлатӣ дар муҳити муборизаҳои нави геополитикӣ ҷойгоҳи махсус дорад. Аз ҳар ҷиҳат дастгирӣ ёфтани фаъолияти бенуқсони ниҳодҳои сарҳадӣ яке аз усулҳои назариявии ҳифзи марзу буми давлатӣ маҳсуб меёбад. Риоя ва татбиқи он аз омода намудан ва иҷрои тадбирҳое вобаста мебошад, ки ба ташкили шароити мусоид амалиёти муваффақонаи вазифаю масъалаҳои ҳалталаб нигаронида шудаанд.

Дар хулосаи диссертатсия муаллиф натиҷаҳои таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, тавсияҳои мушаххаси илман асоснокшударо баён намудааст.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсия ва автореферати барои тақриз пешниҳодгардида бо риояи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, № 493 тасдиқ гардидааст, ба расмият дароварда шудааст.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ. Довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур дар назди кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ зинаи унвонҷӯйиро гузаштааст. Тахассуси илмӣ ва мақолаҳои чопгардидаи И.И. Исроилов ба ихтисоси илмии 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд. Муаллиф доир ба мазмун ва муҳтавои кори илмӣ дар якчанд ҳамоишҳои илмӣ маърӯза намудааст. Вобаста ба ин, хулоса намудан, мумкин аст, ки тахассуси илмии довталаб И.И. Исроилов ба дараҷаи илмии мазкур мувофиқ мебошад.

Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб вобаста ба диссертатсия. Дар баробари муваффақияти назарраси илмию амалӣ дар диссертатсия, аз назари мо чунин норасоиҳо дида мешаванд:

1. Мушкилоти кадрсозӣ, масъалаи омодагии мутахассисони баландихтисоси соҳаи сарҳад (аз ҷумла омӯзиш ва такмили доимии хизматчиёни Қӯшунҳои сарҳадӣ) ба таври кофӣ омӯзиш нашудааст. Дар

диссертатсия тавсияҳо оид ба ташкили курсҳои махсус ва марказҳои омӯзишӣ дар КДАМ ё Донишкадаи Қӯшунҳои сарҳадӣ зикр нашудаанд, дар ҳоле ки такмил додани малакаи кадрҳо яке аз масъалаҳои асосии амаликунӣ ба шумор меравад.

2. Маблағ ва захираҳои молиявӣ. Масъалаи маблағгузории техникӣ ва амалисозии тавсияҳои диссертант (аз қабили модернизатсия ва таъмири нуқтаҳои сарҳадӣ, хариди таҷҳизоти назоратӣ) ба таври ҷудогона таҳлил нашудааст. Вақтҳои охир таҷҳизоти муосир (дронҳо, системаҳои муосири технологияи шабонарӯзӣ) дар омилҳои муваффақият дар таъмини амнияти сарҳад аҳамияти бузург пайдо карда истодаанд, вале онҳо дар кор ёд нашудаанд.

3. Муқоисаи таҷриба. Таҳлили таҷрибаи муваффақи кишварҳои ҳамсоя ва ҳамгироии минтақавиро дар низоми ҳифзи сарҳад муҳаққиқ кам ба назар гирифтааст. Масалан, коҳиш додани хатари шохаҳои сарҳадӣ тавассути ҳамкории созмонҳои минтақавӣ (хусусан Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ) метавон буд андешидан зарур аст.

4. Муаллиф дар раванди омӯзиши мавзуъ аз асарҳои донишмандони ватанӣ ба таври кофӣ истифода накардааст.

Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия. Эродҳои мазкур мазмуну аҳамияти илмии диссертатсияро коста намегардонад. Диссертатсияи Исроилов Исмоил Исроилович дар мавзуи “Нақши ниҳодҳои ҳифзи сарҳади давлатӣ дар раванди таъмини амнияти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ва муҳтавои худ ба талаботҳои муқаррагардида, ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31–33-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295) тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси интихобгардида мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76–79 ва 81-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (бо (бо тағйиру иловаҳо бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295) тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст. Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби аз ҷониби Ҷ.А. Мадвалиев, номзади илмҳои сиёсӣ, и.в. дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода гардидааст.

Тақриз дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедра аз 03.09.2025, протоколи № 2 муҳокима ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласа 21 нафар омӯзгорони кафедра иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 21 нафар, «муқобил» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, мудири
кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои
байналхалқии ДДБ ба номи Носири Хусрав Саидов А.С.

Ташхисгар-номзади илмҳои сиёсӣ,
и.в. дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ
ва муносибатҳои байналхалқии ДДБ
ба номи Носири Хусрав Мадвалиев Ҷ.А.

Котиби семинари васеи илмӣ-назариявӣ,
номзади илмҳои таърих, Одиназода Н.Ҳ.

Имзои А.С. Саидов, Ҷ.А. Мадвалиев ва
Ҳ.Н. Одиназодаро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Исозода Т.И.

«05» 09 2025

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67.
Телефон (корӣ): +8 (32 22) 2 54 81, 2 22 53.
Почтаи электронӣ: bgu-1978@mail.ru
Сомонаи расмӣ: www.btsu.tj